# ТАҚРИЗ

**ба диссертатсияи унвонҷӯ Ҳакимов Файзалӣ Исматуллоевич дар мавзӯи «Таҳлили муқоисавии ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси асари «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, типологӣ ва қиёсӣ) пешниҳод шудааст.**

Наҳв низ ҳамвора бо сарф яке аз қисматҳои асосии забоншиносӣ маҳсуб ёфта, бо воҳидҳои калонтарини забон - ибора ва ҷумла робитаи ногусастанӣ дорад. Наҳв сохту таркиби ин воҳидҳо, алоқаи маъноӣ ва грамматикии ҷузъҳои онҳо, воситаҳои грамматикии алоқаи байни ҷузъҳо ва инчунин хелҳои ибораву ҷумларо меомӯзад.

Масъалаи таҳқиқи ҷумлаи пайрави пуркунандаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар забоншиносии муқоисавӣ ҷойгоҳи хосаеро ишғол менамояд, ки таваҷҷуҳи олимон ва забоншиносони тоҷику англисро кайҳо боз ба худ ҷалб намудааст.

Омӯзиш ва таҳқиқи ҳаматарафаи таҳлили муқоисавии ҷумлаи пайрави пуркунандаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ барои муайян сохтани нақши ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои муқоисашаванда, инчунин, барои нишон додани рушди бемайлони забоншиносӣ дар марҳилаи муайян арзиши махсусеро касб мекунад. Инчунин, диссертатсияи мазкур метавонад он камбудиҳоеро ки доир ба ҷумлаи пайрави пуркунандаи дар китобҳои дарсии то ин замон нашргардида ҷой доштанд, бартараф кунад.

Масъалаи омӯзиш ҷумлаи пайрави пуркунандаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба самти навини таҳқиқоти забонҳои муқоисашаванда алоқаманд мебошад. Вале дар таҳқиқотҳои мазкур ҷумлаи пайрави пуркунанда ба сурати умумӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, аз нигоҳи забоншинон омӯзишу пажуҳиши ҷумлаи пайрави пуркунандаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ яке аз масъалаҳои муҳими забоншиносии қиёсӣ-таърихӣ, типологӣ ва муқоисавӣ ба ҳисоб рафта, ба таҳқиқи комил ниёз дорад, зеро ин масъала дар сарчашмаҳои мавҷуда ба таври мукаммал шарҳи худро наёфтааст.

Ба ин маъни, ба андешаи ман, интихоби мавзӯи рисолаи унвонҷӯ Ҳакимов Ф.И. «Таҳлили муқоисавии ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси асари «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» саривақтӣ ва мубрам мебошад. Муҳиммияти мавзуъро боз бо он

асоснок кардан мумкин аст, ки масъалаи таҳқиқи ҷумлаи пайрави пуркунандаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ саривақтӣ ва мубрам мебошад.

Ҳакимов Ф.И. баъди хатми муваффақиятноки курси магистратура ба шуъбаи шуъбаи омоданамоии мутахассисони илмӣ ва илмию омӯзгории назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ шомил шуда, мавзӯи тадқиқотиашро пеш аз мухлат ба анҷом расонид.

Дар муқаддима, ки саҳифаҳои 4-19-ро дар бар мегирад, мубрамии мавзӯъ, дараҷаи омӯхта шудани он, обзори мухтасари адабиёти алоқаманд, аҳамияти назариявию амалии тадқиқот ва ғайра баён шудааст.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар **муқаддимаи** диссертатсия оид ба аҳаммияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, аҳаммияти назариявии таҳқиқот, методология ва методҳои таҳқиқот, усулҳои таҳқиқот, моҳияти илмӣ-назариявии таҳқиқот, моҳияти амалии таҳқиқ масоили ба ҳимоя пешниҳодшаванда, коркарди мавзуъ, ҳаҷм ва сохтори диссертатсия маълумот дода мешавад.

Боби аввали диссертатсия - «*Асосҳои назариявии масъалаи омӯзиши ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ*» унвон дошта, аз чор фасл иборат аст. Дар боби мазкур шарҳи мафҳумҳои ҷумла, ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои муқоисаашванда марвиди баррасӣ қарор мегирад.

Боби дуюми диссертатсия - *«Хусусиятҳои типологии ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»* унвон дошта, аз чор фасл иборат аст. Дар боби мазкур таҳлили муқоисавии ҷумлаи пайрави пуркунанда (object clause) дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, таҳлили сохторӣ-маъноии ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ, тобишҳои маъноии ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва вижагиҳои корбурди ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди баррасии амиқи илмӣ қарор мегирад.

Ҳамин тавр, мақсад ва вазифаҳое, ки унвонҷӯ дар таҳқиқи мавзӯи интихобшуда гузоштааст, иҷро шудаанд. Қайдҳои ман дар ҳамкории дуҷониба, ки дар муддати се сол давом дошт, вақт ба вақт аз тарафи

муаллиф ислоҳ ва ба назар гирифта шудаанд. Фақат ба тариқи илова гуфтаниам, ки дар муқаддима таҳлили адабиёте, ки бевосита ба мавзуъ алоқаманд аст (диссертатсияҳои Д.Тоҷиев, М.Қосимова, Ф.Зикриёев, Ф.Раҳмонова, С.Атобуллоев, Н.Давлатов), андаке такмил ёбад.

Диссертатсияи унвонҷӯ Ҳакимов Ф.И. дар мавзӯи *«Таҳлили муқоисавии ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси асари «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)»* дар маҷмуъ тадқиқоти анҷомёфта меҳисобам ва барои баррасӣ ба аъзоёни кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ, ки унвонҷӯ муддати се сол унвонҷӯи ҳамин кафедра буд, пешниҳод менамоям.

Муқарриз, номзади илмҳои филологӣ,
дотсент, мудири кафедраи забони
англисӣ ҳамчун ихтисоси дуюми
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Ҷӯраев Х.А.

Суроға: ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121, тел.: +992 937987373 Почтаи электронӣ: juraevkhayyom89@inbox.ru

Имзои н.и.ф., дотсент Х.А. Ҷӯраевро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода А.

20-уми апрели соли 2024